**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

# ДИҚАТ! ДИҚАТ! ДИҚАТ!

КУМИТАИ КОР БО ҶАВОНОН ВА ВАРЗИШ ДАР СОЛИ 2019
ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:

Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш барои дарёфти ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон дар соли 2019 озмун эълон менамояд.

1. Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои қадршиносии хизматҳои шоистаи олимони ҷавон дар назди ҷомеа ва давлат, дастгирӣ, ҳавасманд гардонӣ, баланд бардоштани лаёқати эъҷоди олимони ҷавон ва рушду инкишофи иқтидори илмӣ, техникӣ, технологӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2018, №563 «Оид ба тасдиқ намудани низомномаи ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавоне, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд», таъсис дода шудааст.

2. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастовардҳои зерин бо ҷоиза сарфароз гардонида мешаванд: -натиҷаҳои фаъолияти илмӣ-техникие, ки дар номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд-коркарди намунаи техникаи нав ва технологияҳои инноватсионие, ки иқтидори истеҳсолии ҷумҳуриро таҳким бахшида, ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

3. Қабули ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун бо суроғаи дар поён овардашуда аз санаи 4 феврал то6 майи соли 2019, соати 17:00 сурат мегирад.

4. Довталабони озмун ҳуқуқи иштирокро то синни 35 доранд.

5. Нишондиҳандаҳои корҳои пешниҳоднамудаи довталабони ҷоиза дар соҳаи илм ва техника тибқи бандҳои 7,8,9, ва 10 Низомномаи ҷоиза (замима мегардад) қабул карда мешавад.

6. Ҳамаи асноди дар банди 7, 8, 9 ва 10 Низомномаи ҷоиза бояд ба таври расмӣ тасдиқ шуда бошанд.

7. Маълумоти иловагиро вобаста ба талаботи озмун метавонед аз доираи Низомномаи ҷоиза тавассути суроғаи зерин дастрас намоед:

- шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ 25.

Телефон барои тамос (8-3312) 2-28-02, +992 987-474-712
Email: ddd-ilm@yandex.ru

*Эзоҳ: ҳуҷҷатҳои нопурра ё қисман пешниҳодгаридида ба озмун қабул карда намешаванд.*